***“Комсомоли Тоҷикистон”,***
***29 майи 1968, саҳ. 3***
КИТОБИЁТ

# НАЗАРИЁТИ САЪДӢ ДОИР БА АХЛОҚ

Ҳаштумин аср аст, ки қавми меҳнаташ ва шахсони соҳибдили мамлакатҳои гуногун осори адабию бадеии Саъдии Шерозиро мехонанд, аз он фоида мебардоранд, аз пандҳои гаронбаҳои ӯ роҳу тариқи зиндагии хеш равшан мекунанд. Дар арзи солаҳо миллионҳо одамон аз Саъдӣ сабақ омӯхтаанд, ӯро «муаллими ахлоқ», «муаллими зиндагӣ» донистаанд.

Дар даврони тулонӣ доир ба Саъдӣ ва эсори у дар кишварҳои гуногуни олам одамони гуногунтоифа суханҳои мухталиф гуфтаанд.

Омузиши осори Саъдӣ ва афкори у дар асри XIX ва махсусан дар асри XX суръат гирифт. Донишмандону адибони Тоҷикистону Эрон, Россияву Чехословакия, Франсияву Англия, Германия ва ғайра дар таҳқиқу тадқиқи эҷодиёти ин мутафаккири забардасти гузаштаи тоҷику форс алоқадри ҳол саҳм гузоштаанд. Алалхусус, ахлоқи Саъдӣ, афкори пурқимати ӯ дар ин масъала диққати олимонро бештар ба худ ҷалб кардааст, ки ин бесабаб нест. Бо вуҷуди ин, то вақтхои охир доир ба назарияи Саъдӣ дар масъалаҳои ахлоқ асари мукаммали тадқиқотӣ ва ҷамъбасткунандае набуд.

Дуруст аст, ки диссертатсияи номзадии Ҳахоманиши Кайхусрав оид ба баъзе хусусиятҳои ахлоқи Саъдӣ бахшида шудааст, вале, мутаассифона, бисёр фикрҳои ҷолиби диққати Саъдӣ аз назари муҳаққиқ дур мондаанд ва қисме аз ақоиди у нодуруст маънидод карда шудаанд. Бинобар ин, аз чоп баромадани рисолаи олими ҷавони тоҷик Нозирҷон Қулматов “Назариёти Саъдӣ доир ба ахлоқ”[1] айни муддао ва пурманфиат мебошад.

---

[1] Н. Кулматов, “Этические взгляды Саади”, Душанбе, «Дониш», 1968.

Муаллиф дар сарсухан аз шахсияти мутафаккир сухан оғоз намуда, сипас ба навиштаҳои саъдишиносон, ки ба масъалаҳои ахлоқ оиданд, назар меандозад. Диққати муаллифро беш аз ҳама таҳқиқи Кайхусрав ба худ кашидааст, ки ин табиист. Аввалан тамоми бозёфт ва комёбиҳои Кайхусравро бо ҷузъиёташ тавсиф карда, баъд камбудиҳои ӯро нишон медиҳад, ки ба ин восила, хонанда доираи кори Н. Қулматов ва вазифаҳои ӯро равшан тасаввур карда метавонад.

Саъдӣ ҳамчун мутафаккири пешқадами замони худ дар масъалаҳои мухталифи ахлоқ бисёр ақидаҳои прогрессивӣ баён намудааст. Масалан, ӯ бо вуҷуди зиддияту ихтилофҳо, дар ташаккули одобу ахлоқи инсон роли калон бозидани муҳиту атрофро ба тарзи барҷаста нишон додааст. Саъдӣ ҳарчанд ин ва ба ҳамин монанд масъалаҳоро дар воқеияти зиндагӣ дуруст сарфаҳм рафта бошад ҳам, ба сабаби махдудияти идеявию таърихӣ, моҳияти иҷтимоии онҳоро дарк карда натавонистааст ва дар он шароит дарк карданаш ҳам амри маҳол буд.

Одатан, Саъдиро «инсонпарвари бузург» меноманд. Бинобар ин, ҳамин ҷиҳати масъала дар рисола аз нуктаи назари фалсафаи марксистӣ ва батафсилу шавқовар баён карда шудааст.

Як қатор фикру мулоҳизаҳои Саъдӣ доир ба дустию рафоқат, хоксорию одамигарӣ, ҷангу сулҳ ва ғайра ҳоло ҳам қимати зиёди тарбиявӣ доранд. Чунончи, сулҳпарварии уро ба ёд орем, ки он имрӯз ҳам аҳамияти худро кам накардааст. Ӯ ҳамчун шахси пешқадаму инсонпарвари бузург зарурат ва афзалияти сулҳро аз ҷанг борҳо таъкид менамояд. Аммо сулҳпарастии у пассиву яктарафа набуда, балки бо ҳимояи Ватан зич пайваст аст, масалан:

*Агар пилзурӣ вагар шерчанг,*
*Ба наздики ман сулҳ беҳтар, ки ҷанг.*

*Агар сулҳ хоҳад аду- сар мапеч!*
*Вагар ҷанг ҷӯяд - инон бармапеч!*

Як фазилати ба назар намоёни рисолаи Н. Қулматов дар он аст, ки муаллиф ҳангоми нишон додани ин ё он ҳодиса ҳамеша сабабҳои онро бо далелҳо ва муҳокимарониҳои солим қайд мекунад. Ӯ дар баробари намоиш додани назариёти мусбат ва пешқадами Саъдӣ доир ба ахлоқ, маҳдудият ва хатоҳои адибро низ таъкид менамояд ва ваҷҳи инро аз ҳаёти маҳдуди феодалӣ, шароити фишороварандаи таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии замон ҷустуҷу мекунад.

Дар хотима муаллиф доир ба хусусиятҳои хоси назариёти ахлоқии Саъдӣ сухан меронад.

Дар охир қайд кардан ҷоиз аст, ки асари Н. Қулматов шавқовар ва дар асоси баҳсу муҳокимаҳои зиёди илмӣ таълиф ёфтааст ва аз он мутахассисони таърихи адабиёту фалсафа, муаллимону студентон, зиёиён ва ҷумлаи хоҳишмандон баҳраманд шуда метавонанд. Агар ин рисолаи пурарзиш бо адади бештар ба забони тоҷикӣ нашр меёфт, кори хубе мешуд, зеро Саъдиро мардуми мо дуст медорад ва осору афкори уро беҳтар шинохтан мехоҳад.

**Р. МУСУЛМОНКУЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ.**